Бо Қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
28/02/2018, № 03/7
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои
# фиристонидани кормандони соҳаи маориф ва илм, таълимгирандагон ва ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафари хизматӣ ва ё таҳсил ба хориҷи кишвар

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои мазкур тартиби фиристонидани кормандони соҳаи маориф ва илм, таълимгирандагон ва ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сафари хизматӣ ва ё таҳсил ба хориҷи кишвар, муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм, амалӣ намудани лоиҳаҳо, барномаҳои байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалиро ба танзим даровper, дар асоси Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи сирри давлатӣ», Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳои такмили ташкили таълими шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон», аз 15.06.2008 №313, «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31.10. 2008 №531 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

## 2. Тартиби фиристодани кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ба хориҷи кишвар

2. Сафари хизматии кормандони дастгоҳи марказии вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (хизматчиёни давлатӣ), директорон, ректорони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар, бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад.
3. Мактуб ҷиҳати сафар ба хориҷи кишвар аз муассисаҳои таълимӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на камтар аз 15 рӯзи корӣ пеш аз сафар пешниҳод карда мешавад. Дар сурати дер

ворид гардидан, мактуб аз ҷониби вазорат мавриди баррасӣ қарор дода намешавад.

4. Ҳуҷҷатҳое, ки барои мувофиқа пешниҳод карда мешаванд, инҳоянд:

- мактуби расмӣ аз Вазорати маориф ва илм унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нусхаи даъватнома (ба номи даъватшаванда набошад);
- хулосаи хаттии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (агар даъватнома ё мактуб тариқи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда бошад зарурат надорад);
- анкета, ки шакли он аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст (замимаи 1);
- асосноккунии сафар, ки дар он мақсад ва зарурати анҷоми сафари хориҷӣ, мавзуъҳои баррасишавандаи чорабинӣ, натиҷаҳои пешбинигардида, манифатбахшии он ба соҳаи дахлдор дарҷ карда мешаванд;
- нусха аз матни суханронӣ (баромад), муаррифинома (презентатсия). Дар сурати пешбинӣ гардидани баромад аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, матни суханронӣ барои мувофиқа ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад:

5. Самти фаъолият ва вазифаи ишголнамудаи хизматчии давлатӣ, ки ба сафари хориҷӣ равон карда мешавад ба сатҳ ва мавзӯъи чорабинӣ бояд мутобиқ бошад.

6. Дар сурати мустақиман ворид гардидани мактуби даъватӣ, гирифтани мавқеъи хатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зарурати иштироки намояндаи вазорати маориф ва илм дар чорабинии байналмилалӣ зарур аст.

7. Зимни анҷоми сафарҳои хориҷӣ, ки нисбати он аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат гирифта шудааст, муҳлати будубош дар хориҷи кишвар, қатъиян риоя карда мешавад. Дар сурати аз муҳлати муайянгардида, зиёд гаштани давраи будубош дар хориҷи кишвар бе сабабҳои узрнок, хароҷоти иловагӣ аз роҳбари мақомот ситонида мешавад.

8. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мукотиботи расмиро оид ба иштироки хизматчиёни давлатии соҳаи маориф ва илм дар чорабиниҳои хориҷӣ бо намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

9. Даъвати сурогавӣ ба иштироккунандагон барои ширкат дар чорабиниҳои хориҷӣ ба инобат гирифта намешавад, ба истисной ҳолатҳое, ки агар даъватшаванда аъзои гурӯҳи корӣ, шуро ё намоянда бошад.

10. Масъулияти кордонию қобилиятнок будани хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки ба сафари хориҷӣ пешниҳод мешавад, ба уҳдаи роҳбари мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм вогузор карда мешавад.

11. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки ба сафари хориҷӣ фиристода мешавад, бояд талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатиро риоя намояд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ҳангоми пешниҳоди номзад бояд тартиботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ риоя намояд.

12. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки дар сафарҳои қаблӣ рафтори ношоиста содир кардааст ё ин ки гирифтори беморӣ мебошад, ба сафарҳои хориҷӣ пешниҳод карда намешавад.

13. Сафари хориҷии хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки барои гирифтани мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байнамилалӣ дар асоси иҷозати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

14. Дар сурати 3 нафар ва зиёда аз он будани ҳайати хизматчиёни давлатии соҳаи маориф ва илм, ки ба сафари хориҷӣ фиристода мешаванд, роҳбари ҳайат муайян карда мешавад. Роҳбари ҳайат барои пешниҳоди ҳисоботи натиҷаи сафари ҳориҷӣ ва дигар амалҳои аъзои ҳайат масъул ҳисобида мешавад. Мутахассис, сармутахасиси дастгоҳи марказии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, ки ба ҳайати гурӯҳ шомил карда мешавад, бо риоя намудани талаботҳои Қоидаҳои мазкур бо иҷозати роҳбари мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба ҳайати гурӯҳ, барои сафари хориҷӣ ҳамроҳ карда мешавад.

15. Кормандони зерсохторҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо риояи талаботи Қоидаҳои мазкур бо иҷозати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафари хориҷӣ фиристода мешаванд.

16. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм баъди бозгашт аз сафари хориҷӣ дар муддати панҷ рӯз ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи сафар ҳисоботӣ хаттӣ пешниҳод менамояд. (замимаи 2).

17. Сафарҳои хориҷии аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба нақша гирифташуда, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматҷиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 октябри соли 2008 №531, «Дастурамал дар бораи тартиби пардохти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ,

кормандони муассисаҳои давлатӣ кишварҳои хориҷӣ инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 январи соли 2015 №38 ба роҳ монда мешаванд.

18. Дар сурати аз ҳисоби маблагҳои буҷетӣ анҷом ёфтани сафари ҳориҷӣ, баъди бозгашт хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм дар муддати се рӯз ҳисоботи молиявиро бо нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба шуъбаи муҳосиботи ҷойи кор пешниҳод менамояд.

## 3.Тартиби фиристодани таълимгирандагон ва ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба сафари хизматӣ ва ё таҳсил ба хориҷи кишвар

19. Иштирок ва фиристодани таълимгирандагон ва ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсия, симпозиум, ҷаласа ва чорабиниҳои ба маориф ва илм алоқамандбудаи байналмилалӣ, ки дар дохил ва хориҷи кишвар сурат мегирад, бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мувофиқа карда мешавад.

20. Ноибони ректор (директор) оид ба корҳои байналмилалӣ, директорони муасисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна, зерсохторҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм назорати ташкил, сафарбар намудан ва ҳамоҳангии сафарҳои хориҷии хонандагон, бакалаврон, магистрон, аспирантон, докторантон ва кормандони муассисаҳои таълимиро ба ухда доранд.

21.Ҳуҷҷатҳое, ки барои мувофиқа ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд инҳоянд:

- мактуби расмӣ бо имзои роҳбари муассиса ба унвони мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм;
- нусхаи шиносномаи хориҷӣ;
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи даъватнома;
- анкета бо нишон додани номи кишварҳои сафаркарда бо санаи сафари анҷомдодашуда (Замимаи №1);
- асосноккунии сафар, ки дар он мақсад ва зарурати анҷоми сафари хориҷӣ, мавзӯҳои баррасишавандаи чорабинӣ, натиҷаҳои пешбинигардида, манифатбахшии он ба соҳаи дахлдор дарҷ карда мешаванд;
- нусха аз матни суханронӣ (баромад), муаррифинома (презентатсия).

22. Таълимгирандагон ва ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсия, симпозиум, ҷаласа ва чорабиниҳои ба маориф ва илм алоқамандбудаи байналмилалӣ, ки дар дохил ва хориҷи кишвар баргузор мегардад, танҳо баъди гирифтани иҷозати хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм метавонанд иштирок намоянд.

23. Мактуб ҷиҳати сафар ба хориҷи кишвар ба унвони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на камтар аз 15 рӯзи корӣ пешниҳод карда мешавад. Дар сурати дер ворид гардидан, мактуб аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мавриди баррасӣ қарор дода намешавад.

24. Сафарҳое, ки ба кишварҳои аз нигоҳи амниятӣ хатарнокбуда ба нақша гирифта мешаванд, бо мақомотҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа карда мешаванд. Барои пайдо намудани маълумот нисбат ба хонандагон, бакалаврон, магистрон, аспирантон, докторантон, ки ба хориҷӣ кишвар ҷиҳати идомаи таҳсил ё бо мақсади иштирок дар коференсия, семинар ва дигар чорабиниҳо сафар менамоянд, ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома ирсол карда мешавад.

25. Ноибони ректор (директор) оид ба корҳои байналмилалӣ, директорони муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати ҳифзи сирри хизматӣ ва давлатӣ зимни ба хориҷи кишвар сафар намудани бакалаврон, магистрон, аспирантон, докторантон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд. Ҷавобгарӣ оид ба риоя накардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри давлатӣ” зимни фиристодани дигар кормандони муассисаҳои таълимӣ ба зиммаи роҳбарияти онҳо вогузор карда мешавад.

26. Таълимгирандагон ва ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар сафарҳои қаблӣ рафтори ношоиста содир кардаанд ё ин ки гирифтори беморӣ мебошанд, ба сафарҳои хориҷӣ пешниҳод карда намешаванд.

27. Барои сафарҳои хориҷии хонандагон, бакалаврон, магистрон, аспирантон, докторантон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимӣ, ки як сол ва зиёда аз онро дар бар мегирад, қарори Шурои олимони муассисаи таълимӣ талаб карда мешавад.

28. Дар ҳолатҳои зарурӣ шахси сафаркунанда барои суҳбат ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда мешавад.

29. Ҳар як сафаркунанда, аз натиҷаи сафари анҷомдодашуда дар муҳлати на камтар аз 5 рӯзи корӣ ба Вазорати маориф ва илм ҳисоботи

хаттӣ пешниҳод менамояд. Ба ҳисобот оид ба сафари анҷомдодашуда расмҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳои имзошуда метавонанд замима шаванд.

30. Сафарҳои хориҷии аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба нақша гирифташуда, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 октябри соли 2008 №531, «Дастурамал дар бораи тартиби пардохти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаҳои давлатӣ кишварҳои хориҷӣ инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 январи соли 2015 №38 ба роҳ монда мешавад.

31. Агар сафари ҳориҷӣ аз ҳисоби маблағҳои муассисаи таълимӣ анҷом дода шуда бошад, баъди бозгашт хонанда, донишҷӯ, аспирант, докторант дар муддати се рӯз ҳисоботи молиявиро бо нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба шуъбаи муҳосибот пешниҳод менамояд.

32. Дар мавриди пешниҳод нагардидани ҳисобот, сафари минбаъдаи сафаркунанда манъ карда мешавад.

33. Риоя ва иҷрои Қоидаи мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

Замима 1

Анкета
барои анҷоми сафари хориҷии
хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

ному насаб

---

рӯз, моҳ ва соли таваллуд

---

вазифаи ишғолнамуда

---

шумораи сафарҳои хориҷӣ дар соли ҷорӣ

---

кафолати ҳатмии роҳбари мақомот (имзо бо муҳр) дар мавриди кордонӣ ва ҳифзи сирри давлатӣ

---

забонҳои хориҷӣ

---

(номи пурраи муассисаи таълимӣ ва ихтисос)

---

(собиқаи корӣ ва рақами телефон)

---

барои эътимоднокии маълумоти дар анкетаи зикрнамуда масъулият дорам (имзои номзад)

____________________________ ____________________________

сардори воҳиди робитаҳои хориҷӣ санаи пешниҳоди ҳуҷҷат

Эзоҳ: дар сурати пурра ҷавоб нагардидани саволҳои дар анкета зикршуда, дархости пешниҳодгардида баррасӣ намегардад.

Замимаи 2

Талабот
вобаста ба пешниҳоди ҳисобот аз натиҷаи сафари
хориҷии хизматчиёни давлатӣ

Ҳисобот бояд фарогири масъалаҳои зерин бошад:

1. Маълумоти муфассал оид ба иштирок дар чорабинӣ бо дарки натиҷаҳои мусбат ё манфии сафар ва манфиатбахшии он ба соҳаи даҳлдор.

Арзёбии манфиатнок будани сафарҳои хориҷӣ, дараҷаи татбиқи мақсад ва вазифаҳои сафар бо чунин нишондодҳо муайян карда мешавад:

- ноилшавӣ ба шароити хуб барои рушду робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва илмию техникӣ;
- ҷалби сармояи хориҷӣ, захираҳои грантию кредитӣ, ёрии техникӣ ва башардӯстона;
- мувофиқа ва имзои шартномаҳои байналмилалӣ;
- муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳимояи манфиатҳои кишвар;
- пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ ва миллӣ барои нигоҳ доштани нуфузи муносиби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ;
- иҷрои пурраи барномаи омӯзишӣ барои такмили ихтисоси кормандон, ҷорӣ кардани таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи дахлдор, гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар мавриди хатми барномаи омӯзишӣ.

2. Пешниҳодот оид ба беҳтаргардонии вазъи соҳаи дахлдор бо назардошти натиҷаҳои сафари анҷомдодашуда.

3. Маълумоти мушаххас оид ба мавқеи намояндагони дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба масъалаҳои баррасишуда, аз ҷумла дар хусуси муносибатҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Пешниҳоди нусхаи чиптаҳои ҳавопаймо, матни баромад, протоколи имзошуда ва барномаи давраи омӯзишӣ.

Замимаи №1
ба Тартиби фиристодани
таълимгирандагон барои
таълим ба хориҷи кишвар

1. Анкетаи
шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳсил
ба хориҷа равон карда мешавад

| Ҷой барои сурат 3х4 |
| --- |

| | | |
| --- | --- | --- |
| 1. | Ном<br>Насаб | |
| 2. | Руз, моҳ ва солии таввалуд | |
| 3. | Ҷои таввалуд (деҳа, ноҳия, шаҳр, вилоят) | |
| 4. | Ҷои истиқомати доими, рақами телефон | |
| 5. | Номи муассисаи таълимӣ | |
| 6. | Соли хатм | |
| 7. | Номгӯи муассисаҳои таълимии дигар, ки хатм намудед, соли таҳсил, ихтисос | |
| 8. | Дар хориҷи кишвар таҳсил кардаед?<br>Дар куҷо?<br>Вақти таҳсил<br>Номи муассиса, барномаи таҳсил | |
| 9. | Таҳсил дар хориҷа (барномаи мубодилаи таҳсил дар хориҷи кишвар ё дигар барномаҳо, таҳсил аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё маблағҳои худ | |
| 10. | Чи гуна корҳои илми ва ихтиротҳо доред (нусхаи мақола, рефератҳо, ифтихорномаҳо, маводҳои таълими, (замима кунед ) | |

1.1. Маълумот дар бораи хешовандони наздик (падару модар, бародарҳо, хоҳарон, ҳамсар, фарзандон, ва дигар намояндагони қонунӣ

| Дараҷаи муносибат | Ном /Насаб, рӯз, моҳ ва соли таввалуд | Ҷои кор (таҳсил) вазифа, рақами телефон | Суроға, индекс, рақами телефон, |
| --- | --- | --- | --- |
| Падар | | | |
| Модар | | | |
| Бародарҳо | | | |
| Хоҳарон | | | |
| Ҳамсар | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Фарзандон | | | |
| Васӣ, парастор ва дигар намонядгони қонунӣ | | | |

1.2. Фаолияти кори (бо назардошти таҳсил дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ хизмати ҳарбӣ, кор)

| Сана | | Вазифа бо нишондоди ҷои кор | Сурога |
|---|---|---|---|
| Дохил шудан | Хатм | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

| | | |
|---|---|---|
| 11. | Донистани забони хориҷӣ (дар кадом сатҳ медонед) | |
| 12. | Имтиҳони дараҷавии донистани забони хориҷиро супоридаед ? Агар ҳа, холи гирифтаатонро нишон диҳед ? | |
| 13. | Шоноснома<br>Силсила<br>Аз тарафи ки дода шудааст<br>Рӯзи дода шуданаш | |
| 14. | Ба кадом кишвар ба таҳсил меравед | |
| 15. | Ихтисосе, ки дар хориҷи кишвар ба даст меоред. | |

Таърих ______________________________ Имзо ______________________